«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.

«13» 01 соли 2023

**Хулосаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуд.

Қодирзода Неъматулло Ҳабиб бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №10-05 аз 15 январи соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, кори илмӣ-таҳқиқотии худро оғоз намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар санаи 9 декабри соли 2020 бо баҳои 5 «аъло» ва аз фанни забони хориҷӣ дар санаи 25 апрели соли 2021 бо баҳои «хуб» супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ Давлатзода Қудрат Қамбар мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

1. **Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ дар сатҳҳои гуногун, ки яке аз заминаҳои асосии рушди саноати миллӣ ва таъмини саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад, бахшида шуда, бо забони илмӣ таҳия гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Тамоми давраҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокунӣ, мақсад, вазифаҳо

ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои илмии диссертант дар раванди таълим ва омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми гузаштани курсҳои таълимии «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти соҳа» ва «Идоракунии навовариҳо» истифода бурда шудаанд.

**3. Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.**

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро корҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ оид ба муносибатҳои инноватсионӣ ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ ташкил менамоянд. Дар баробари ин таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва монографӣ, санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқие, ки муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро дар самти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба танзим медароранд ва сарчашмаҳои дигаре, ки ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқаи бевосита доранд, истифода шудаанд.

Бо мақсади ноил гаштан ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд: абстраксия, индуксия ва дедуксия, муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳияи заминаи назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои хусусиятҳои навгонӣ мебошанд, инҳоянд:

– назарияи инфрасохтори инноватсионӣ такмил дода шуда, зимнан исбот гардидааст, ки дар баробари унсурҳои моддӣ дар шароити муосир унсурҳои маҷозии инфрасохтори инноватсионӣ аҳамияти муҳим пайдо карда, раванди рақамикунонии хизматрасониҳои инноватсиониро густариш медиҳанд;

- методология ва принсипҳои ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ таҳқиқ гардида, дар ин замина нақш ва ҷойгоҳи унсурҳои алоҳидаи он дар рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шудааст;

– дар асоси таҳлил ва баҳогузории вазъи муосир ва тамоюли инкишофи инфрасохтори инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ исбот шудааст, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд бознигарӣ шуда, ҷиҳати ҳавасманд кардани ташаккул ва инкишофи унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ чораҳои мушаххас андешида шавад;

- самтҳои асосии такмили асосҳои институтсионалии рушди инфрасохтори инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст, ки фарогири тавсияҳо оид ба коркарди барномаҳои мақсаднок, густариши рақамикунонии

муносибатҳо ва татбиқи самараноки консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ мебошад;

- тавсияҳои илмӣ оид ба истифодаи равиши кластерӣ дар рушди инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ асоснок карда шуда, ҷиҳати тақвияти нақши он дар баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва густариши робитаҳои байниминтақавӣ ва байнисарҳадӣ бо кишварҳои ҳамсоя тавсияҳои илмӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

**4. Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисоси интихобшуда.**

Диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 08.00.04.01 -Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявию методологии таҳлили мушкилоти рушди саноатӣ, коркарди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаҳои саноат ва энергетика. Ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 29. Асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва инкишофи истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда. 30. Мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳаҳои саноат ва энергетика. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар давраи солҳои 2020-2023 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 8 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла дар 5 мақолаи дар маҷалла ва нашриҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ҳаҷми умумии маводи чопшудаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 3,25 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

1-М. Қодиров Н.Ҳ. Нақши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Давлатзода Қ. Қ., Ниёзӣ С. // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. –- Душанбе, 2020.- № 4 (52). -С.58-65.

2-М. Қодиров Н. Ҳ. Тамоюлҳои асосии рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Раҳимов Ф., Убайдзода Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. -№2. - С.186-196.

3-М. Қодиров Н.Ҳ. Инноватсия ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ. /Тошматов С. // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. –Душанбе, 2021. -№ 3 (55), -С.100-104

4-М. Қодиров Н. Ҳ. Ҷанбаъҳои институтсионалии рушди унсурҳои инфрасохтори инноватсионии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. –Душанбе, 2022.- № 2 (58). -С.50-54.

5-М. Кодирзода Н. Х. Инвестиционное обеспечение развития инновационной инфраструктуры в промышленности. // Финансово-экономический вестник. –Душанбе,2022. - №3 (32). –С.251-257.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

**6-М. Кодиров Н. Х.** Технологические инновации как фактор устойчивого развития промышленности Республики Таджикистан. /Давлатзода К.К.// «DIGITALIZATION OF THE ECONOMY AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT» International scientific-practical conference. Mariupol, May 25-26, 2021.

7-М. Кодирзода Н. Х. Информационное обеспечение развития инновационных процессов на промышленных предприятиях /Рахмонов Дж. Р. // Материалы республиканской научно –практической конфереции на тему "Проблемы формирования и развития цифровой экономики в современных условиях Республики Таджикистан" – Душанбе:Типография ТНУ, 2022г. – С.132-136.

8-М. Қодирзода Н. Ҳ. Ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ: ҳамгироии илм бо истеҳсолот ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ. //

Маводҳои VIII конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-амалии дар мавзӯи “ИЛМ – АСОСИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ”.// Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Душанбе, 2023. – С.321-328.

Дар маҷлис 21 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»-нест, суратмаҷлиси №5/1, аз 10 январи соли 2023

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2023, бо суратмаҷлиси №5/1 қабул гардидааст.

**Раиси маҷлис:**
дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, номзади илмҳои иқтисодӣ — Фаррухӣ Р.

**Котиби маҷлис:**
н.и.и., м/к кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ — Сафаров А. Ҳ.

«Имзои Фаррухӣ Р. ва А. Ҳ. Сафаровро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
«13» январи 2023с. — Тавқиев Э. Ш.